# РӮЗИ ҶАҲОНИИ ҲУҚУҚИ БАШАР ФАРХУНДА БОД!

*ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД*

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

**НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ** * * * * № 11 (191) 8-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2023, ҶУМЪА



Ҳарчанд илми ҳуқуқшиносии мамолики Ғарб қонунҳои асосӣ ва қонунҳои ин кишварро ҳамчун манбаи нахустини пайдоиш ва эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон мешуморад, вале миллати мо низ дар ҳаллу фасли ин масъала дар ҳошияи таърихи башар набудааст. Дар ин бобат ёдовар шудан аз Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, ки зиёда аз дувуним ҳазор сол қабл аз ин қабул гардида буд, кофист.

Эмомалӣ РАҲМОН

**ДАР ИН ШУМОРА:**

ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ ДАР ФАКУЛТЕТ с. 2

ҲУҚУҚИ ИНСОН – ДАСТОВАРДИ МИЛЛАТИ ТОҶИК с. 3

ДОИР БА ЗАРУРИЯТИ ҚАБУЛИ КОДЕКСИ МАДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАҲРИРИ НАВ с. 4

ҲУҚУҚИ ИНСОН - ВОЛОТАРИН АРЗИШИ ҲАСТӢ с. 5

ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН – ТАВАҶҶУҲИ МАХСУС БА НАСЛИ ОЯНДАСОЗ с. 6

АНДЕШАҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР САМТИ МУБОРИЗА БО ТЕРРОРИЗМ с. 7

НАКШИ ЭЪЛОМИЯИ УМУМИИ ҲУҚУҚИ БАШАР ДАР ҲИФЗИ ШАЪНУ ШАРАФИ ИНСОН с. 8

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД
МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Таррох:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Мирзозода П.З.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.**
муовини декан оид ба илм ва инноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИТ;
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Ҳ.**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ.
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ.
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди муҳталифро ба хотири риояи ҷандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ тахти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.

Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ ДАР ФАКУЛТЕТ

## «Парчам – рамзи ҳастии миллат ва давлати Тоҷикистон»





Тахти ин унвон санаи 24 ноябри соли ҷорӣ дар толори калони шаҳраки донишҷӯён бахшида ба Рӯзи Парчами давлатӣ чорабинии тантанавии факултети ҳуқуқшиносӣ баргузор гардид.

Ректори донишгоҳ профессор Хушвахтзода Қ.Ҳ. зимни аввалсухани худ вобаста ба аҳамияти ин иди пуршукуҳ изҳори андеша намуда, ифтихор дошт, ки парчам ин нангу номус, ифтихор ва шарафи ҳар як сокини мамлакат ба ҳисоб рафта, симои сиёсии ҳар як давлатро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян менамояд.

Сипас аз ҷониби ғолибони озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» шеърҳо қироат гардиданд. Дар охир як қатор устодони факултет бо ифтихорнома ва сипосномаҳо сохторҳои даҳлдори ҷумҳурӣ ва донишгоҳ кадрдонӣ шуданд.

# ИФТИХОР





Бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни аҳолии кишвар, аз ҷумла наврасону ҷавонон солҳои зиёд аст, ки тахти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор мегардад.

Дар озмуне, ки имсол баргузор гардид, дар радифи дигар иштирокчиён ҳамчунин донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ низ фаъолона иштирок намуданд.



Ҳамин тариқ дар ин озмун Шукрона Тахирӣ донишҷӯйи соли 3 факултет аз рӯйи номинатсияи «Адабиёти муосир» иштирок намуда, сазовори ҷойи якум гардид ва ҳамзамон ғолиби «Шоҳҷоиза» дониста шуд.

Дар ин баробар донишҷӯёни дигар низ аз қабили Назарова Сайёҳат донишҷӯйи соли 3-юми факултети ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи номинатсияи «Адабиёти ҷаҳон» сазовори ҷойи якум ва Манижаи Баҳодур магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ аз номинатсияи «Адабиёти классик» сазовори зинаи якум гардиданд.

Аз ин рӯ, ҳайати устодону кормандон, донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» Шукрона Т., Назарова С. ва Манижаи Б.-ро ба муносибати ғолиб омаданашон дар ин озмуни пуршукӯҳ самимона табрику шодбош намуда, ба онҳо саломативу сарбаландӣ, пирӯзиву хушнудӣ ва фатҳи қуллаҳои баланди илмиву эҷодиро орзу менамоянд.

# ИФТИТОҲИ ТОЛОРИ МАҶЛИСИ СУДИИ ТАЪЛИМӢ

Таърихи 1-уми ноябри соли равон бо мақсади тарбияи насли наврас дар рӯҳияи худшиносӣ ва огоҳӣ аз амалияи судӣ, бо дастгирии роҳбарияти Донишгоҳи миллӣ ва ташаббуси садорати факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳ толори маҷлиси судии таълимӣ кушода шуд.



Дар ифтитоҳи толори маҷлиси судии таълимӣ ректори ДМТ, профессор Хушвахтзода Қ.Ҳ. устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ, судяҳо, кормандон мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар намояндаҳои қишрҳои гуногуни ҷомеа иштирок намуданд.



Маврид ба зикр аст, ки толори мазкур бо тамоми маводҳои зарурии таълимӣ, аёниятҳо, доскаи электронӣ, шиору овезаҳои дахлдор, шабакаи интернет, маводҳои ҷамъбастии амалия ва омори судӣ, қарорҳои Пленум, нашрия ва дигар санаду қарорҳои дахлдори Суди Олӣ таъмин мебошад. Таъсиси он дар шароити кунунӣ амри зарурӣ буда, ҷиҳати сайқал додан маҳорат, санъати суханварӣ, дониш ва малакаи касбии донишҷӯён аз ҳар ҷиҳат мусоидат менамояд. Дар рафти ифтитоҳи толори мазкур аз ҷониби як гурӯҳ донишҷӯёни курси 3-юми шуъбаи рӯзонаи факултет ба аҳли нишаст мурофаи судии таълимӣ, ки ба баррасии баҳси оилавӣ бахшида шуда буд, пешниҳод карда шуд.

## ҲАМБАСТАГИИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ БО РАВАНДИ ТАЪЛИМ



Бо таваҷҷӯҳ ва дастгириҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сатҳу сифати таълим зина ба зина беҳтар шуда истодааст.

Бо мақсади амалӣ намудани сиёсати маорифпарваронаи роҳбарияти мамлакат дар асоси нақшаи чорабиниҳои раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва садорати факултети ҳуқуқшиносӣ имрӯзҳо раванди таълим дар факултет пурра ба талаботҳои замони нав мутобиқ гардонида шудааст.

Устодону омӯзгорони факултет дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ аз навтарин технологияҳои рақамӣ истифода бурда, раванди таълимро бо истифода аз муосиртарин технологияҳои иттилоотӣ ба роҳ мондаанд.

Бояд гуфт, ки чунин тартиб ба донишомӯзии донишҷӯён таъсири мусбӣ дошта, онҳо низ дар навбати худ, ҳамчун ҷавонони замони нав, кӯшиш мекунанд, ки дар рафти машғулиятҳои амалӣ аз шароити мавҷуда васеъ истифода баранд.

Дар оянда низ, бо мақсади баланд бардоштани иқтидори моддиву техникии факултет, тамоми ҷораҳои зарурӣ роҳандозӣ хоҳанд шуд.

## СЕМИНАРИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ ДАР ФАКУЛТЕТ



Тахти ин унвон нимаи аввали рӯзи 14 ноябри соли 2023 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ семинари илмӣ-назариявӣ бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 31-солагии Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти унвони «Нақши Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи навини тоҷикон»баргузор гардид.

Дар кори он роҳбарияти факултет, устодону кормандон, олимони соҳа ва аспирантону унвонҷӯён иштирок доштанд.

Декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, д.и.х., профессор Мирзозода П.З. зимни ироаи аввалсухани худ нахуст ҳузури муборaки меҳмонон ва аҳли нишастро хайру мақдам гуфта, сипас ба аҳамият ва зарурияти мавзӯи матраҳшаванда, ишора намуданд ва ба масъулин барои гузаронидани чунин ҳамоиши илмии сатҳи баланд изҳори сипосу миннатдорӣ намуданд.

Сипас аз рӯйи барномаи кори ҳамоиши илмии мазкур баромадкунандаҳо оид ба паҳлуҳои гуногуни мавзуъҳои худ маърӯзаҳо кироат карданд.



# ҲУҚУҚИ ИНСОН – ДАСТОВАРДИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

**(Табрикоти декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода Парвон Зайналобуддин бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон)**

*Ҳуқуқи инсон муҳимтарин дастоварди ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Солҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳбудии вазъи ҳуқуқи инсон дар кишвар талошҳои зиёде карда истодааст.*






Яке аз дастовардҳои назаррaси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон қабули Конститутсияи соли 1994 мебошад, ки ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти бузургро дар самти арҷгузорӣ ба ҳуқуқи инсон бар дӯш гирифта, дар Конститутсияи худ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эълон намуд. Ҳуқуқи инсон чун олитарин арзиш дар ҷомеаи инсонӣ талаб менамояд, ки ҷамъияту давлат барои амалишавии он тадбирҳо андешанд ва ҳар фард имконияти амалӣ сохтани ҳуқуқу озодиҳои худро дошта бошад. Воқеияти ин гуфтаҳоро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки ғояи инсондӯстӣ дар Паёми худ таъкид намуданд, ки «пешрафти босуботи давлат ва ҷомеа, пеш аз ҳама, ба таъмини амният, волоияти қонун, таҳкими тартиботи ҷамъиятӣ ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд асос меёбад».

Конститутсия ҳамзамон озодии сухан, ҷамъомад ва иттиҳодияҳо, инчунин ҳуқуқ ба мурофиаи судии одилона ва дахлнопазирии шахсиро кафолат медиҳад.

Солҳои охир дар баробари ин музаффариятҳо як қатор қонунҳо, барномаҳо, консепсияҳо ва стратегияҳое қабул гардиданд, ки баҳри таҳким ва тантанаи ҳуқуқи инсон мусоидат намуданд. Аз ҷумла, маротибаи сеюм қабул гардидани Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ҳамзамон қабул гардидани Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038 дарак аз он медиҳанд, ки Ҳукумат ва Сарвари давлат ба ин самти афзалиятнок таваҷҷуҳи зиёд доранд.

Сарвари давлат барои таҳким ва рушди ҳуқуқу имкониятҳои занон пайваста тадбирҳо меандешанд. Далолати ин гуфтаҳо қабул гардидани як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошанд. Аз ҷумла: қонунҳои ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», «Дар бораи солимии репродуктивӣ ва ҳуқуқҳои репродуктивӣ», «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа», Барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра. Илова бар ин, Ҳукумати Тоҷикистон дар мубориза бо савдои одамон ва ҳифзи ҳуқуқи занон бо созмонҳои байналмилалӣ ва созмонҳои ғайридавлатӣ ҳамкориҳои фаъол дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон низ тадбирҳо андешида мешаванд. Ҳимоя ва таъмини ҳуқуқи кӯдакон ва тарбияи насли наврас, ба хусус ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ яке аз самтҳои пешгирифтаи давлат ба ҳисоб меравад. Баҳри дар сатҳи дахлдор таъмин намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва Қонуни ҶТ «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» қабул гардиданд, ки қадами нек дар ин самт маҳсуб мешаванд. Дар қонунҳои номбаргардида ҳуқуқи ҳар як кӯдак ба ҳаёт, саломатӣ, таҳсил ва ҳимоя аз зӯроварӣ эътироф ва мустаҳкам карда шудааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамзамон барои беҳбудии дастрасии кӯдакон ба таҳсил ва тандурустӣ фаъолона талош мекунад. Кӯдакон гурӯҳи осебпазири аҳолӣ мебошанд, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо, механизми мустақили худро талаб мекунад. Дар шароити мураккаби иқтисодию сиёсӣ кӯдаконро аз истисмор, муносибати берахмона ва беэътиноӣ аз ҷониби ҷомеа бояд ҳифз ва ҳимоя намуд. Бо ин мақсад Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак таъсис дода шудааст, ки фаъолияти он ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон равона гардидааст.

Дар маҷмуъ, ҳуқуқи инсон як дастоварди муҳимми миллати тоҷик ба ҳисоб меравад. Ба шарофати талошҳои Ҳукумат ва ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон пешсаф мебошад. Бо вуҷуди ин моро зарур аст, ки боз ҳам корҳои муҳиммеро ба сомон расонем, то ин ки ҳуқуқи инсон бештар аз пештар дар сатҳи зарурӣ риоя, ҳифз ва таъмин гардад.

**РӮЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН МУБОРАКУ ФАРХУНДА БОД!**

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

# ДОИР БА ЗАРУРИЯТИ ҚАБУЛИ КОДЕКСИ МАДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАҲРИРИ НАВ



РАҲИМЗОДА М. З.
узви вобастаи АМИТ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор




Дигаргуниҳои куллие, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, инчунин дар натиҷаи ҷаҳонишавии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва воридшавии меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ ба низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ба вуҷуд омад, на танҳо боиси ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда, балки дар таҳрири нав қабул намудани кодексу қонунҳо, азҷумла Кодекси маданӣ гардид. Аз як ҷиҳат қабули Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022 ва мавриди амал қарор додани он аз 1 июли соли 2022 ба ҷои Кодекси гражданӣ ҶТ дар таърихи кодификатсияи қонунгузории мадании Тоҷикистон дигаргунии муҳим ба ҳисоб рафта, аз тарафи дигар мумкин аст, ки боиси тааҷҷуб низ гардида бошад. Зеро, новобаста аз дар таҳрири нав қабул карда шудани Кодекси маданӣ қисми зиёди меъёрҳо ва институтҳои аввалин Кодекси граждании ҶТ (с. 1999, 2005) замони соҳибистиқлолӣ, ки аз 1234 модда иборат буд ва аз қабули он начандон мӯҳлати тулонӣ гузашта бошад ҳам, нигоҳ дошта шуданд. Аз ин ҷо оид ба зарурияти дар таҳрири нав қабул карда шудани Кодекси маданӣ сухан ронда бояд қайд намоем, ки ҳануз дар Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 24 апрели соли 2013, ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ба миён гузошта шуда буд. Дар Паём гуфта шуда буд, ки бо мақсади ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани танзими муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ Ҳукумати Тоҷикистонро зарур аст, ки Кодекси гражданиро дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод намояд. Вобаста ба ҳамин тибқи Амри Президенти ҶТ аз 8 июни соли 2013 гурӯҳи корӣ аз ҷумлаи олимони шинохта соҳаи ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ ва байналмилалии хусусӣ таъсис дода шуда, бо сабаби масъалаи бамиёнгузошта хело ҷиддӣ ва мураккаб буданаш бо Қарори Шӯрои олимони Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ аз 30 апрели соли 2014, таҳти №4 Консепсияи рушди қонунгузории граждании ҶТ таҳия ва қабул карда шуд. Консепсия минбаъд асос барои дар таҳрири нав қабул намудани Кодекси маданӣ гардид.

Бояд қайд намоем, ки аввалин Кодекси граждании замони соҳибистиқлолӣ, инчунин қонунҳои дигари танзимкунандаи муносибатҳои маданӣ ва татбиқи онҳо дар амал нишон дод, ки меъёрҳои онҳо дар шароити дигаргуниҳои куллии иқтисодиёт вобаста ба зарурияти гузариш аз низоми маъмурию ҳукумронии идоракунӣ ба муносибатҳои бозорӣ сурат гирифта, баъзе институтҳои ҳуқуқӣ дар қонунгузории кишвари мо аввалин маротиба, дигаре бошад, бе дарназардошти инкишофи мунтазами онҳо ифода ёфта ва баъзе аз онҳо умуман дарҷ нагардида буданд. Аз ҷумла, бо таври мукаммал дар қонунгузорӣ муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ, институти «соҳибӣ» ва ҳифзи «соҳибият», ҳуқуқҳои маҳдуди ашёӣ, аз ҷумла сервитути ашёи ғайриманқул, баъзе масъалаҳои такмили уҳдадориҳо ва шартномаҳо, инчунин намудҳои алоҳидаи баъзе шартномаҳо, бахусус шартномаи агентӣ, шартномаи рента, суратҳисби номиналӣ, суратҳисоби бонкии эскроу, шартномаи эскроу, шартномаи агентӣ, меросгузории баъзе намудҳои алоҳидаи молу мулк ва ғ. ба танзим дароварда нашуда буданд. Ҳамзамон, доираи объектҳои ҳуқуқи маданӣ, инчунин тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо ба монанди замонат ва кафолат дар Кодекси маданӣ ба такмили ҷиддӣ ниёз доштанд. Аз тарафи дигар пешрафти илмию техникӣ ва рушди мунтазами истифодаи шабакаҳои иттиллоотию интернетӣ ва коммуникатсионӣ, аз ҷумла зарурияти мунтазам такмил додани қонунгузории фаъолияти зеҳниро тақозо менамуд.

Дар Кодекси маданӣ, инчунин зарурияти ифодаи меъёрҳо бо забони нисбатан содда ва фаҳмо, ягонасозии истилоҳот, истифодаи истилоҳ вобаста ба мазмуни он дар таркиби моддаҳо, таносуби предмети танзими муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ дар Кодекс бо дигар қонунҳо (дар бораи ширкату ҷамъиятҳо, муфлисшавӣ, гарав, ва ғ.) мутобиқгардонӣ аз ҷиҳати техникаи ҳуқуқӣ ба талаботи Қонуни ҶТ аз 30 майи соли 2017 “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” ва ғ. ба миён омада буд.

Аз ин ҷо Кодекси маданӣ ва умуман қонунгузории маданӣ дар баробари соҳаҳои дигари қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон сифатан якхела набуд. Аз ҷиҳати муратабсозӣ номукаммал буда, аз ҷиҳати таҳия техникаи ҳуқуқӣ ва таъминоти молиявию иқтисодиашон дар сатҳи гуногун қарор доштанд. Мухолифат ва номуайяни дар байни меъёрҳои қонунгузории маданӣ боқӣ монда, аз ҷиҳати забон коста, душворфаҳм ва ҳатто матни забони тоҷикӣ ба забони русӣ мувофиқат наменамуд. Сифатан Кодекси маданӣ ба талаботи рушди муносибатҳои нави бамиёномадаи ҷамъиятӣ, ки танзими ҳуқуқиро талаб мекард ҷавоб намедод.

Барои ҳамин ҳам зарурияти такмили минбаъдаи қонунгузории маданӣ дар чунин шароит вобаста ба омилҳои зерин ба миён омад:

1) Раванди босуръати инкишофи муносибатҳои маданӣ дар кишвар ва ҷаҳонишавии он, инчунин дигаргуниҳое, ки дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба вуҷуд омаданд.

2) Бартараф намудани мухолифат ва номутобиқатии дохилӣ, инчунин номуайянии меъёрҳои Кодекси маданӣ ва қонунҳои амалкунанда, ки татбиқи онҳоро дар амал душвор мегардонанд.

3) Аз ҷиҳати истилоҳот коста будани мазмуну мундариҷаи кодекси маданӣ ва умуман қонунгузории маданӣ, инчунин душворфаҳм будани онҳо.

4) Аз ҷиҳати техникаи қонунгузорӣ ҷавобгӯ набудани таркиби Кодекси маданӣ ба таркиби муайянкардаи Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”.

5) Ба ҳам мутобиқат накардани матни тоҷикӣ ва русии Кодекси маданӣ.

Дар рафти таҳияи Кодекси гражданӣ масъалаи тағйир додани номи он ба номи “Кодекси маданӣ” аз тарафи гурӯҳи корӣ ба миён омад, ки чунин ҳолат бори дигар аз дуруст будани зарурияти дар таҳририӣ нав қабул намудани он гувоҳи медод. Зеро, истилоҳи “гражданӣ”, ки аз он номи “Кодекси граждани” маншаъ мегирифт, калимаи тоҷикӣ набуд. Дар аксарияти давлатҳои ИДМ истилоҳи “гражданӣ” ба номе, ки ба забони онҳо мувофиқ буд (масалан, дар Қазоқистон- “азамат”, Туркманистон -“раият”, Узбекистон -“фуқаро” ва ғ.) иваз карда шуда буданд.

Бояд қайд намоем, ки қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 3 қисм, 9 фасл, 76 боб ва 1351 модда иборат мебошад, дар марҳилаи мазкури инкишофи таърихӣ масъалаи кодификатсияи ҳуқуқи хусусии Тоҷикистонро бо дарназардошти рушди муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ ба қадри имкон ба танзим даровард. Ба он дар фарқият ба Кодекси граждании солҳои 1099 ва 2005 аз тарафи гурӯҳои кори зиёда аз 130 моддаи нав ворид карда шуда, таркиби аксарияти моддаҳои он такмил дода шуд. Азбаски мавқеи консептуалии Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди танзими муносибатҳои маданӣ назаррас мебошад, аз ин ҷо вазифаи илми ҳуқуқи маданӣ имрӯз аз он иборат аст, ки барои амалӣ намудани меъёрҳои он дар ҳаёти воқеӣ мусоидат намояд, онро дастраси оммаи истифодабарандагон гардонида, ғояҳои илман асосноки онро ҳифз ва ба кӯшиши давр зада гузаштани принсип ва меъёрҳои дар он ифодаёфта роҳ надиҳад. Барои таъмини амали воқеӣ ва нигоҳ доштани устувории меъёрҳои ин санади ҳуқуқии барои давлати мо ниҳоят муҳим аз рӯи фаҳмиши соҳавии худ баҳо надода, балки меъёрҳои Кодекси маданӣ ва амали онҳоро, инчунин таҷрибаи татбиқи онҳоро бо таври ҷиддӣ таҳлил намуда, ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳои зарурӣ ба низоми он эҳтиёткорона ва дурандешона рафтор намоянд, то ин ки ба мухолифати навбатии меъёрҳо ва вайрон шудани низомнокии онҳо роҳ дода нашавад. Барои ин минбаъд ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо муҳокимаи ҳаматарафаи матни онҳо бо дарназардошти татбиқи онҳо дар амал бояд аз тарафи ҷомеаи ҳуқуқшиносон ба роҳ монда шавад.

# ҲУҚУҚИ ИНСОН – ВОЛОТАРИН АРЗИШИ ҲАСТӢ





Сафаргул ШОҚУЛОВА
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи
судӣ ва назорати прокурорӣ

Дар дунё тамоми арзишҳое, ки мавҷуд мебошанд маҳз ба хотири ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошанд. Инсон ягона мавҷуде мебошад, ки тамоми коинот барои ӯ офарида шудааст. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки дар тамоми ҷаҳон қабул мегарданд ҳама баҳри ҳифзи ҳуқуқҳои инсон пешбинӣ гардидаанд. Тавре ки медонем ҳуқуқҳои инсон аз ҷониби давлате, ки дар он зиндагӣ менамояд, кафолат дода мешаванд, аммо инсон новобаста аз маҳалли истиқоматаш дорои ҳуқуқҳои мухталиф мебошад, маҳз ба он хотир ки ӯ инсон аст. Инҳоро баъзан вақт ҳуқуқҳои фитрии инсон низ меноманд, ҳуқуқҳои фитрӣ ҳуқуқҳоенд, ки ба инсон на аз ҷониби давлат дода мешаванд ва на аз ҷониби ташкилот. Ҳуқуқҳои фитрӣ аз ҷониби давлат ба инсон дода нашуда, балки бояд аз ҷониби давлат ҳифз карда шаванд. Тавре ки маълум аст инсон волотарин мавҷуди ҳастӣ мебошад, аммо замоне ба ин неъмат дастёб мегардад, ки агар ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳамчун шахсият эътироф гарданд.

Ҳуқуқи инсон мафҳуми мураккабу гуногунҷабҳа мебошад, ки онро бо мафҳуми ягона таъриф додан имконнопазир мебошад. Танҳо бояд қайд намуд, дар тамоми ҷаҳон ҳуқуқи инсон набояд бар ивази манфиатҳои миллӣ баҳо дода шавад. Ҳуқуқи инсон яке арзишҳои муҳимтарини фарҳанги ҷаҳонӣ мебошад, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ алоқамандӣ доранд. Таълимот дар бораи ҳуқуқи инсон ва тадбиқ гардидани он дар ҳаёти ҷамъиятӣ таърихи дуру дароз дорад. Инсон бояд дар ҳама ҳолат ҳуқуҳои якдигарро ҳимоя намояд. Зеро танҳо инсоният метавонад бо ҳимоя намудани ҳуқуқҳои якдигар боиси пешрафти якдигар шаванд.

Дар таърихи инсоният аввалин бор нажоди ориёӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон қадам бардоштааст. Аввалин бор шоҳаншоҳ Куруши Кабир, дар замони давлатдории худ, яъне соли 539 пеш аз милод баъди васеъ намудани ҳудудҳои ишғолнамудаи худ ба одамони муқимии мавзеҳои ишғолкардааш ин имкониятро медиҳад, ки ба кадом оине мехоҳанд пайравӣ намоянд. Аввалин Эъломияи ҳуқуқи башар низ, ки тақрибан 2500 сол пеш қабул гардидааст, ба ин шоҳаншоҳи ориёӣ Куруши Кабир тааллуқ дорад. Давлати таъсидодаи Куруши Кабир дар доираи принсипҳои иҷтимоӣ таъсис дода шуда буд ва худи ӯ низ аз миёни шоҳони қадима ҳамчун сарвари адолатпеша, инсонпарвар, боинсоф ва хирадманд эътироф гардидааст. Эъломияи таърихии ӯ дар таърихи инсоният яке аз боарзиштарин қадамҳо дар самти ҳуқуқи инсон буд.

Тамоми динҳои ҷаҳонӣ низ инсон ва ҳуқуқу озодиҳои онро дар мадди аввал гузоштаанд, ки ин бори дигар аз мавқеи инсон дар ҷаҳон дарак медиҳад. Арзише, ки инсоният дорад дар тамоми дунё дорад, аз тарафи ҳама эътироф гардидааст. Дар ҳолати риоя гардидани ҳуқуқи инсон тадбиқи дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ маъно пайдо менамояд. Чунки мақсади асосии тамоми санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ пеш аз ҳама ҳифзи ҳуқуқи инсон мебошад.

Баъди ҷанги дуюми ҷаҳон ва таъсис ёфтани Созмони милали Муттаҳид аввалин санади оламшумули ҳуқуқи инсон ин Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон мебошад. 10 декабри соли 1948 Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид “Эъломияи ҳуқуқи башар”- ро қабул намуд. Инсоният асрҳои аср қабули чунин санади байналмилалиро орзу менамуд. Санаде, ки тавонад тамоми ҳуқуқҳои инсонро дар бар гирад. Риояи ин санади муҳими байналмилалӣ барои пешрафти кулли инсоният метавонад заминагузорӣ намояд.

Таъсири Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар дар ҷаҳони имрӯз беназир мебошад. Қабули ин санадро дар ҷаҳон бархе аз муҳаққиқон ҳамчун инқилоб баён намудаанд. Зеро ин санад тавонистааст, ки воқеан оид ба риояи ҳуқуқи инсоният таъсиргузор бошад. Ин санад тавонист тамом ҳуқуқҳои асосии инсонро, ки дар асоси он шахсият метавонад ба дигар ҳуқуқ ва озодиҳои худ дастёбӣ пайдо намояд, дар худ инъикос намудааст. Бо риоя гардидани меъёрҳои дар ин санади байналмилалӣ дарҷ гардида, инсоният тавонист он арзишеро, ки воқеан табиати ин ҷаҳон ба ӯ дода буд дарк намояд. Ба ҳуқуқҳое соҳиб гардад, ки маҳз тавассути онҳо арзиши ҳастии хулро дарк менамояд. Ҳуқуқҳои инсон асоси амал ёфтани зиндагии инсон мебошад. Инсоният замоне ба комёбӣ дастрасӣ пайдо менамояд, агар ҳуқуқҳои дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ инъикосёфта дар ҳаёти инсоният тавонанд тадбиқ гарданд.

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аввалин санаде мебошад, ки аз тарафи аксарияти кишварҳои ҷаҳон эътироф гардидааст, ҳарчанд ки ин санад хислати маҷбурнамоӣ надорад. Аксарияти кишварҳои ҷаҳон ин эъломияро эътироф намуда, меъёрҳои онро дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии худ таҷассум намудаанд. Махсусан дар Конститутсияҳои аксарияти кишварҳои ҷаҳон меъёрҳои ин санади байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

Ҳамасола дар тамоми ҷаҳон рӯзи 10 декабр ҳамчун рӯзи қабули Эъломияи ҳуқуқи башар ва рӯзи ҳуқуқи инсон таҷлил мегардад. Воқеан ҳам ҷойи ҷашн аст, зеро баъди асрҳо арзиши инсон тавассути ин санад ба инсон баргардонида шуд.

# ҲУҚУҚ БА ОЗОДИИ ҲАРАКАТ ВА ИНТИХОБИ ҶОИ ЗИСТ

*Ҳуқуқ ба озодии ҳаракат ва интихоби ҷои зист яке аз ҳуқуқҳо ва озодиҳои муҳимтарини шахсии (шаҳрвандии) инсон аст. Он як навъ имконияти бемонеа ҳаракат кардан, ҷои рафт ва зист интихоб кардани одам дар қисмати дилхоҳи давлат, ҳамчунин тарк кардани мамлакат ва бозгаштан ба он бо риояи як силсила талаботи қонун мебошад. Махсусияти ин озодӣ имкон доштани одам баҳри ихтиёрдорӣ дар макон, ҳамчунин ҳимоя кардан аз дахолати ғайриқонунӣ ба ҳаёти шахсӣ ва тааррuз ба он аст.*


Шаҳром ҲАКИМОВ
донишҷӯи соли 1

Озодона ҳаракат кардан дар мамлакат ва ҷаҳон ҳам талабот ва ҳам зарурат аст. Зиёда аз он ин амал яке аз шартҳои инкишофи инсон, ҷомеа ва давлат мебошад. Инсонҳо аз замонҳои қадим сайру саёҳатҳо мекарданд ва сарҳадҳои байни давлатҳо ба онҳо барои ҳаракат кардан халал намерасонданд. Ба ҷуз хоҳиши саёҳат кардан инсон бисер вақт бо амри зарурат: сафарҳои корӣ, хабаргирӣ ё аёдати наздикон, зиёрат, ҷамъоварии мавод барои китоб, корҳои тиҷорат ва ғайра ба роҳ мебароянд.

Чунончи, масалан, дар Хартияи бузурги озодиҳои соли 1215 омадааст, бе ҳеҷ хавфу хатар ба Англия дохил шудан, аз Англия берун рафтан, чи бо роҳи хушкӣ ва чи бо роҳи обӣ ба мамлакат омадану дар он гаштугузор кардан дошта бошанд.

Махсусияти ҳуқуқ ба озодии ҳаракат ва интихоби ҷои зист ин аст, ки вай ба ҳуқуқҳо ва озодиҳои фардӣ, яъне ҳуқуқҳо ва озодиҳое мансуб аст, ки ҳар одам дар алоҳидагӣ соҳиб асту аз онҳо истифода карда метавонад. Вале баъзан ин ҳуқуқ ба таври коллективӣ низ амалӣ мегардад. Масалан, дар ҳолатҳои ба ҷои дигари доимӣ кучидани аҳли оила ё худ ба мамлакати дигар рафтани гурӯҳи гурезаҳо.

Мафҳумҳои «ҷои ист» ва «ҷои зист» аз ҳамдигар тафовут доранд.

Ҷои зист хавлиҳо, хонаҳо манзилгоҳҳои зисти хидматӣ, хобгоҳҳо хонаҳои бачагон ва биноҳои дигарест, ки дар онҳо шаҳрванд ба, таври доимӣ ё вақти бештаре дар асосҳои пешбиникардаи қонун зиндагӣ мекунад.

Ҷои зист меҳмонхонаҳо, санаторияҳо, хонаҳои истироҳат, базаҳои сайёҳи (туристӣ), беморхонаҳо, лагерҳои палатавӣ ва ғайра. ҳамчунин биноҳои зисте мебошанд, ки лар онҳо одам муваққатан зиндагӣ мекунад.

Дар ҳудуди муайян озодона ҳаракат кардани одам, аз рӯи салоҳдиди худ муайян кардани он ки вай дар куҷо бошаду зиндагӣ кунад, бо дигар ҳуқуқҳои одам зич вобаста буда, ба амалишавии онҳо таъсир мерасонад.

Масалан, бо ҳаракат ва интихоби ҷои зист ҳуқуқҳои шаҳрванд ба амалӣ сохтани фаъолияти соҳибкорӣ, ҳуқуқи интихоб кардани навъи фаъолият ва касбу кор, ҳуқуқ ба истироҳат, ҳуқуқ ба нигаҳдории тандурустӣ ва ёрии тиббӣ, ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқ ба муҳити мусоиди зист ва ғайра метавонанд алоқаманд бошанд.

Ҳуқуқ ба озодона ҳаракат кардан ва интихоби ҷои зист аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ эътироф шуда, дар ҳамаи ҳуҷҷатҳои асосии байналмилалӣ дар бараи ҳуқуқҳои инсон зикр шудааст.

# ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН – ТАВАҶҶУҲИ МАХСУС БА НАСЛИ ОЯНДАСОЗ

*Истиқлолияти давлатӣ имконият, шароит ва заминаҳои мусоидро фароҳам овард, то ки соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ дар мамлакат рушд карда, таваҷҷуҳ ба қишрҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла, ҷавонон зиёд гардад. Бояд иброз намуд, ки дар даврони соҳибистиқлолии давлат дар самти баланд бардоштани мақоми ҷавонон ҳамчун неруи созанда ва бунёдкор дар ҳаёти ҷамъиятӣ, фароҳам сохтани шароити мусоид барои таълиму тарбияи онҳо, илму касбомӯзӣ, аз худ кардани забонҳои хориҷӣ ва технологияи муосири иттилоотию коммуникатсионӣ тамоми шароити зарурӣ муҳайё гардида, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани ташаббусҳои ҷавонон заминаи мусоид фароҳам оварда шудааст.*



**Раҳмонзода Муҳаммад,
мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**



Дар ин марҳилаи муҳимми давлатдории миллӣ, бо ташаббусу иқдомҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат таваҷҷуҳи махсус ба насли ҷавон зиёд гардида, дар ин самт, чораҳои амиқи дахлдор андешида шудааст, ки ҳар як фард аз он истиқбол ва ифтихор менамояд.

Дар баробари ин гуна дастгириҳо ва ғамхориҳои Пешвои миллат, имрӯз ҷавононро мебояд, ки қишри аз ҳама фаъоли ҷомеа бошанд, ташаббусҳои бунёдкоронаю созандаи Роҳбари давлат ва даврони озодию соҳибихтиёриро бо як ҳисси баланди меҳанпарастӣ ҳифз намуда, дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии кишвар бо дасту дили гарм ва нерӯи созанда ширкат варзанд.

Қайд кардан зарур аст, ки ватандӯстӣ ва меҳанпарастии ҷавонон дар давраи муосири рушди давлатдории миллӣ, ки падидаҳои пешгуинашавандаи манфӣ дар сатҳи байгалмилалӣ, зиёд гардидани таъсири раванди ҷаҳонишавӣ, бархурди манфиатҳои кишварҳои абарқудрат, коста гардидани нуфузу эътибори баъзе аз созмонҳои байналмилалӣ дар арсаи ҷаҳонӣ, гардиши ғайриқонунии яроқу аслиҳа, муомилати маводи мухаддир, доман паҳн кардани амалҳои экстремистию террористӣ, ба он таҳдид менамояд, аҳамияти хосса касб карда, ҳар як ҷавони бонангу номуси кишварро лозим ва зарур аст, ки ҷиҳати омӯзиши илму дониш, касбу ҳунар машғул гардад, таърихи сипаригаштаи халқи худро, ки пур аз шебу фароз аст донад, ба арзишҳои таърихию фарҳангии миллат арҷгузор бошад, арзиши ин миллати тамаддунофарро аз ҳама неъматҳо қиммат донад ва дар умум худшиносу худогоҳ бошад, то дар марҳилаи нави таҳдидҳо устувории Истиқлоли миллӣ таъмин гардад.

Маҳз, ба василаи дониш, илм, маърифат, донистани таърих ва фарҳанги миллии хеш мо метавонем, ки муҳимтарин арзишҳои беназири миллии худро ҳифз намуда, ояндаи дурахшон ва давлати ободу осударо ба насли оянда эҳдо созем. Аз ин рӯ, барои нигоҳдошти миллату давлат ва бардавомии Истиқлоли миллӣ зарурат ба кадрҳои баландихтисос, ки дарки фаҳмиш ва идроки сиёсиву ҳуқуқӣ доранд зиёд гардида, рақобатпазир на танҳо дар дохили кишвар балки дар арсаи байналмилалӣ бошанд.

Расидан ба чунин мартабаҳои давлатдории миллӣ барои миллати тоҷик ва мардуми Тоҷикистон маҳз бо пайгирӣ ва татбиқи сиёсати инсонпарваронаи Пешвои миллат имконпазир аст. Аз ин лиҳоз, дар чунин шароити басо мураккаби ҷомеаи ҷаҳонӣ роҳи ягонаи пойдории мамлакат, осудагии ҳар як хонадон ва амнияти шаҳрвандон ин мутаҳидди дар атрофи Пешвои миллат, эҳтиром ба ин абармарди саҳнаи сиёсат ва татбиқи софдилонаи сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат маҳсуб дониста мешавад.

# УЧИТЕЛЬ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ



**Саломиддин ШАРОПОВ
студент 3-го курса**

Профессия учителя одна из самых древнейших на земле. Зарплаты, а потому, что у них есть страсть к образованию. Учителя, как правило, верят в силу образования и важность предоставления студентам хороших образцов для подражания. Они преданы своему делу. Наконец, самоотверженность учителей проявляется в их привычках к круглосуточной работе. Учителя не прекращают работать, когда звонит звонок. Они оценивают работы. Большинство учителей приезжают раньше, чем начинается пары, чтобы организовать свой день и оказать дополнительную помощь ученикам. Учителя — профессия на все времена и из-за ее большого влияния на страну. Образование — это фундаментальный аспект развития страны. Если молодежь общества получает образование, то рождается будущее. Учителя обеспечивают образование, которое улучшает качество жизни, что приносит пользу отдельным людям и обществу. Учителя повышают продуктивность и креативность учащихся, а значит, и будущих работников. Когда студентов подталкивают к изучению юриспруденции, наша страна выходит на новый правовой уровень, квалифицированные кадры которых выпускает наш вуз благодаря нашим учителям, впервую очередь работают на благо народа и страны. Что приводит к демократическому развитию страны. Почему учителя так важны? Учителя действительно являются основой общества, образцами для подражания!



Учителя — это лучшие образцы для подражания. Связь между учителем и учеником бесценна для некоторых обучающихся, которые отличаются нестабильным эмоциональным фоном. Учителя будут оставаться позитивными, даже когда все может показаться мрачным. Они способны поддержать и направить обучающегося «в нужное русло». Великий учитель всегда проявляет сострадание к своим ученикам, понимает их личную жизнь, ценит их академические цели и достижения. Учителя — это образцы для подражания. Они стремятся к тому, чтобы дети были позитивными, всегда старались больше и тянулись к звездам. Одна из самых важных частей обучения — это самоотдача. Учителя не только слушают, но и тренируют и наставляют учеников. Они способны сформировать академические цели и нацелены на то, чтобы заставить своих студентов достичь их. Учителя проявляют терпение к своим ученикам и понимают, когда их точка зрения не принимается.



# ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА БАЙНИДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ УЗБЕКИСТОН

*Ҳамкориҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар заминаи муносибатҳо дипломатии байни онҳо аз 22 октябри соли 1992 оғоз мегардад.*



**Некруз ҚОДИРОВ**
**мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ**

Робитаи дӯстии миёни ин ду кишвар ҳануз дар замони Иттиҳоди Шуравии Сотсиалистӣ 32 сол муқаддам низ устувор буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози мавқеи ҷуғрофӣ ва геополитикӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, инчунин робита бисёрсолаи муштарак ва робитаҳои таърихии мардумони ду кишвари ҳамсояи дусту бародар, инчунин ташкили ҳамкории мутақобилан судманд бо Ҷумҳурии Узбекистон таваҷҷуҳи махсус дорад.

Муносибатҳои ҳуқуқию сиёсӣ дар сатҳи олӣ сурат мегиранд. Роҳбарони ин давлатҳои ҳамсоя ва шарики стратегӣ, борҳо ба кишварҳои ҳамдигар сафарҳои расмӣ ва корӣ анҷом додаанд. Бояд қайд намуд, ки, муносибатҳои байнидавлатии роҳбарони ду давлат ва ҳамкориҳои фаъоли сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба инкишофи равобит байни ду кишвар саҳми назаррас гузошта истодааст.

Дар ин замина роҳбарони ду кишвари дусту ҳамсоя бо сафарҳои расмӣ ба кишвари якдигар ташриф овардаанд. Нахустин маротиба санаи 4 январи соли 1998 бино ба даъвати Президенти Ҷумҳурии Узбекистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Узбекистон сафари расмӣ анҷом дод. Сафари мазкур ба равандди тақвияти муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Узбекистон такони тоза бахшид.

Таҳаввулоти дигаре, ки дар соли 2018 дар муносибатҳои байнидавлатии ду кишвар рӯй дод, ҳамкориҳои Тоҷикистону Узбекистонро ба сатҳи сифатан нав баровард. Санаҳои 9-10 марти соли 2018 нахустин сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Узбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар ҷараёни он тақрибан ҳамаи масъалаҳои ҳалталаби муносибатҳои дуҷониба ҳалли худро ёфтанд.

Дар натиҷаи сафарҳои расмии сарони давлатҳо дар рӯҳияи анъанавии ҳамдигарфаҳмӣ, дӯстӣ ва ошкорбаёни гуфтушунидҳои муфассал анҷом дода шудааст. Дар маҷмуъ дар ҷараёни сафарҳои расмӣ беш 200 созишнома ва шартномаҳо дар сатҳи байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ба имзо расонида шуд. Яке аз санади муҳими миёни ду кишвар Аҳднома дар бораи дӯстии абадӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 15 июни соли 2000 ва Шартнома дар бораи шарикии стратегӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 17 августи соли 2018 мебошанд.

Кобили зикр аст, ки Тоҷикистон минбаъд низ муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро дар рӯҳияи эътимоди мутақобил, бо кишварҳои дӯсту шарики стратегӣ таҳким мебахшад.

# АНДЕШАҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР САМТИ МУБОРИЗА БО ТЕРРОРИЗМ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз медорад, ки: “террорист Ватан, миллат ва дин надорад”. Коршиносон дар заминаи таҳлилҳои худ ба хулоса омадаанд, ки қисми зиёди нооромиҳо, ҷангу низоъҳо дар кишварҳои мусулмонӣ сурат гирифтаанд, маҳз ба тафриқаандозиҳо миёни мусулмонон, истифодаи онҳо ҳамчун воситаи амалинамоии террор ва мухолифати мазҳабӣ рабт доранд. Имрӯз хатари терроризм ва ифротгароӣ ба масъалаи глобалӣ табдил ёфта, қариб ба ҳама давлатҳо таҳдид мекунад. Ба маврид аст, ки барои мубориза алайҳи ин падидаҳои бениҳоят хатарнок саъю кӯшиши ҷомеаи ҷаҳонӣ лозим аст, ки дар сатҳи олии ҳамаи давлатҳо бояд ба танзим дароварда шавад. Барои амалӣ гардидани амалиёти самаранок оид ба мубориза бар зидди терроризм дар навбати аввал заминаи ҳуқуқии ин мубориза бояд гузошта шавад. Ин аст, ки давлатҳои мутамаддини ҷаҳон қонунҳои миллӣ дар бораи мубориза бар зидди терроризм ва эктремизмро қабул мекунанд. Фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ)- ин фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ ё дигар ташкилотҳо, воситаҳои ахбори умум ё шахсони воқеӣ оид ба банақшагирӣ, ташкил, тайёр ва амалӣ намудани кирдорҳое мебошад, ки барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ ва вайрон намудани ягонагии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст.

Андешаҳои Пешвои миллатро дар мавриди сабабҳо, решаҳои ташаккул, густариши терроризм, экстремизм, ифротгароии динӣ ва дигар падидаҳои хатарафзо ба таври иҷмолӣ бо чунин нуктаҳо метавон ифода намуд:

Аввалан, ҷомеа ҷаҳонӣ, сиёсатшиносон, сиёсатмадорон, коршиносон, таҳлилгарон, рӯзноманигорон то ҳол мутаассифона дар мавриди худи мафҳуми терроризм ба хулосаи ягона нарасидаанд, ҳол он ки бидуни чунин ваҳдати назар ва баҳодиҳӣ ба низом даровардан ва муташаккилона ба роҳ мондани масъалаҳои мубориза ба муқобили терроризм, экстремизм ва ифротгароии динӣ ғайриимкон аст.

Чунин амал боиси сиёсат, амалу рафтори гуногун, дурӯя, духӯра нисбат ба терроризм ва экстремизм мегардад ва монеаи асосии фаъолияти якҷоя, муташаккилона алайҳи он мегардад.

Дар суханрониҳои Пешвои миллат кӯшишҳои ба ҳам пайваст намудан ё тавъам донистани терроризм бо дину мазҳаби мушаххас, хосатан ислом ҳамеша қатъиян маҳкум карда мешавад ва ин гуна кӯшишҳо баръакс ба манфиати террористон хидмат мекунад.

Дар андешаҳои Пешвои миллат як чизи муҳиме ба назар мерасад ва ин бештар дар байни мусулмонон роиҷ аст- ин эҳсоси беадолатӣ нисбат ба ислом ва пайравони он аст. Бештари мусулмонони олам чунин мешуморанд, ки нисбат ба онҳо баъзе кишварҳои Ғарб, Амрико сиёсати дурӯя, духӯра ва меъёру стандартҳои мунофиқонаро ба кор мебаранд.

Пешвои миллат таъкид менамоянд, ки террорист миллат, дин, мазҳаб ва Ватан надорад. Террористро ба худиву бегона ҷудо кардан иштибоҳи маҳз аст.

Пешвои миллат ҳамеша таъкид менамоянд, ки терроризм ба ҳеҷ ваҷҳ боиси омурзиш, бахшиш нест ва дар ҳамаи ҳолатҳо он бояд қатъиян маҳкум карда шавад, бояд бар зидди он муборизаи беамон бурда шуда, он решакан карда шавад. Ҳамчунин дар андешаву афкори Пешвои миллат таъкид мегардад, ки терроризм ҳамчун падидаи дорои ҳадафҳои сиёсӣ, пуштибонии он ҳамчун як навъи сиёсати муғризона ва манфиатхоҳонаи давлатҳои абарқудрат ва манфиатҷӯ маънидод карда шавад. Аз ин лиҳоз дар сатҳи байналхалқӣ ба ҳам мувофиқ сохтани қонунгузории миллӣ оид ба мубориза бар зидди терроризм тақозои замон аст.



**Исматов Рустам**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи**

Ниҳоят, чизи аз ҳама муҳим - назорати қатъӣ аз болои хариду фурӯши аслиҳаи ҷангӣ аз ҷониби давлатҳои абарқудрат, роҳ надодан ба мусаллаҳшавии гурӯҳҳои террористӣ аз байн бурдани манбаъҳои молиявӣ, ҳарбӣ, таълимӣ, ғоявии тавлид ва паҳн гаштани терроризм, экстремизм ва падидаҳои дигари хатарафзо барои ҷомеаи ҷаҳонӣ.

Имрӯз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи олам на танҳо ба сифати сиёсатмадори ҷаҳонӣ ва ташаббускори масъалаи дастрасии аҳолии ҷаҳон ба оби тоза, таъмини некуаҳволии мардуми олам, балки ҳамчун яке аз ташаббускорон ва муборизони қотеи ҷаҳонӣ бар зидди терроризм ва экстремизм шинохта шудааст.



*Баробари ба сари мансаб омадани Сарвари давлат тамоми диққати худро бахри беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ ва кафолати озодиҳои мардум равона сохтанд. То ин дам даҳҳо санадҳои меъёри ҳуқуқие, ки озодӣ ва ҳуқуқҳои инсонро кафолат медиҳад қабул карда шуда, дар арсаи байналмилалӣ Тоҷикистонро ҳамчун яке аз кишварҳои амнтарин, ки озодӣ, виҷдон, шаъну шараф, интихоби шахс дар мақоми аввал ҳисобида мешавад, эътироф мекунад. Роҳбари давлат махсусан ба сиёсати пешгирифтаи ҷаҳон оид ба масалаҳои гендерӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, бахри таъмини баробарии марду зан дар кишвар саҳми арзанда гузоштанд. Масъалаи гендерӣ яке аз масалаҳои мубрам ба ҳисоб рафта, тамоми ҷаҳон оид ба ин масъала корбарӣ мекунад. Тоҷикистон низ оиди таъминоти гендерӣ ва ҳифзу ҳуқуқҳои зан якчанд лоиҳаву ҳуҷҷатҳои худро ба мақоми ҷаҳонӣ пешниҳод намудааст. Маврид ба зикр аст, ки Призиденти кишвар мегуянд: «Бояд гуфт, ки дар даврони истиқлолият ба хотири ҳифзи манфиатҳои ҳуқуқии занону духтарон беш аз 20 ҳуҷҷати муҳимми давлатӣ қабул карда, Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2014 узви Комиссияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба мақоми зан гардид, ки ин санадҳо барои фаъолияти занону бонувон заминаи боз ҳам мусоид фароҳам оварданд».*



**Малика ҲАСАНОВА**
**донишҷӯи соли 3**

# ТАЪМИНИ БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ АЗ НИГОҲИ ҲУҚУҚӢ



Таваҷҷуҳи ҳукумату давлат нисбати қишри ояндасози кишвар зиёд буда, тамоми неруву қувва ва шароитҳои созанда бахри беҳдошти сатҳи зиндагии осоишта равона кардааст. Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ як қатор қонунҳову санадҳо, барномаҳои давлатӣ, консепсия ва конвенсияҳо дар ҷумҳурӣ оид ба кафолати ҳуқуқии занон дар масъалаи гендерӣ қабул гаштанд, ки ин далолат аз тинҷӣ, оромӣ, сулҳу субот ва ғамхориҳои Пешвои муаззами миллат аст.

Аз ҳама муҳим саводнокии зан дар ҷомеаи демократӣ дар мадди аввал қарор дорад. Ба ҳамин васила бо мақсади беҳтар намудани дастрасии духтарон ба таҳсил соли 1997 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷудо намудани квотаҳои президентӣ барои духтарони лаёқатманд аз ноҳияҳои дурдаст қабул карда шуд. Имконияти васеъ фароҳам оварда, ки духтарон бештар ба таҳсил ҷалб шуда, то тавонанд дар ҷомеъа нақши худро устувор созанд ва ин сабаб шуд духтароне, ки лаёқату дониш доранд ба мактобиҳои оливу касбии дохилаву хориҷа бе мамонияти таҳсил гирифта, дар рушду нумуъи давлат саҳмгузор бошанд.

Дигар «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони қобилиятнок барои солҳои 2017-2022» тасдиқ шуд, ки бо ин метавонад занони лаёқатманд дар мақомоту идораҳои давлати ҳамчун роҳбар фаъолият кунад. Бароиин аз тарафи ниҳодҳои дахлдор якчанд чораҷуиҳо пешбинӣ шудаанд, аз қабили курсҳои забономӯзӣ, зан «Сарвар», гузаронидани озмунҳои зеҳнӣ дар байни занону духтарон. Боз «Стратегияи миллии баланд бардоштани нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ва «Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи «Стратегияи миллии баланд бардоштани нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2030» - ро қабул намуданд. Ҳамчунин, дар мамлакат барои солҳои 2021 - 2025 нақша чорабиниҳои миллӣ, тадбирҳо оид ба гузаронидани экспертизаи гендерии қонунгузорӣ, ташаккули кадрҳои захиравӣ барои пешбарӣ ба сохторҳои идоракунии гендеро пешбинӣ намудаанд. Мақсад аз он иборат мебошад, ки таъмини фаъолияти занон дар ҳама соҳаҳои ҷамиятӣ ва беҳдошти рушди мамлакат ба ҳисоб меравад.

Фармони дигаре, ки аз ҷониби Президенти мамлакат қабул гардид ин «Дар бораи таъсис ва ҷудо намудани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2021 - 2025». Барои ин барнома аз тарафи идораву корхонаҳо маблағ ва дигар восидаҳои техникуву масолеҳи истеҳсоли ҷудо карда мешавад. Сол то сол имкониятҳои васеъ аз тарафи давлат барои занони соҳибкор додашудааст, ки то тавонанд дар ҷомеъа фаъолнокии худро зиёд намуда, аз ҳушунадҳои оилавӣ, маҳалӣ фориғ гашта, ҳиссагузор ба пешрафти ҷомеъаи демократӣ бошанд.

Дар бораи «Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023», қомилан қайд кардан ба маврид аст, ки зӯроварӣ дар оила муаммоҳои асоси ҷомеаи ҷаҳон ба ҳисоб рафта, нисбати занону духтарон зулму шиканҷа, азиятҳои руҳиву ҷисмонӣ расонида мешавад, ин сабаб мешавад ба беморӣ, руҳафтотагӣ, шикастҳо аз зиндагӣ, аз таҳсил дур мондан, тарс ба кору фаъолият, тарбияи нодурусти фарзанд ва ғайраҳо. Қабули барнома метавонад ҳамаи инро барҳам дода зиндагии бо мароми занону духтаронро таъмин намояд. Пешвои муаззами миллат дуруст қайд карданд, ки: Агар ободиву субботи ҷомеаро осоишу оромии ҳар як оила таъмин намояд, дар навбати худ, ободии ҳар як хонадон аз рӯҳияи солиму созанда, сатҳи маънавиёту маърифат ва тандурустии зан — модар саршама мегирад».

Бо ёрии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз тарафи мақомоту кумитаҳо якчанд чорабиниҳову аксияҳои тарғиботи гузаронида мешавад. Барои дастгирии оилаҳои осебпазир, фароҳам овардани фазои мусоид дар зиндагии осоишта, баробари зану мард ва тарбияи фарзандон дар ҷумҳурӣ якчанд қонун ва санадҳои меъёри ҳуқуқӣ нигаронида шудааст. Сараввал, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи маориф», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо», «Дар бораи мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон», Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конвенсия дар бораи ҳуқуқи модару кудак ва якчанд санадҳои байналмилалии, ки Тоҷикистон онро эътироф намудааст, ба ҳисоб меравад.

Хулоса, ғамхориҳои Сарвари давалат нисбати шаҳрвандон ва махсусан ба занону духтарон хеле зиёд аст. Ҷавобан ба ин ғамхориҳо моро мебояд, дониши худро мустаҳкам намуда, ҳамчун кадрҳои соҳибдонишу бомаърифат дар самти худ фаъолият намоем ва номбардори миллату давлат дар арсаи байналмилалӣ бошем. Хушбахтона, дар давроне умр басар мебарем, ки тамоми шароитҳои мусоид бахри аз худ кардани илму дониш муҳайё аст. Мо ҷавонониояндасози кишвар аз ҳама шарту шароитҳо самаранок истифода бурда, то ҷон дорем, ҳиссагузор ба ободии Ватан ва ҳимоятгари халқу миллати худ мебошем.

# НАҚШИ ЭЪЛОМИЯИ УМУМИИ ҲУҚУҚИ БАШАР ДАР ҲИФЗИ ШАЪНУ ШАРАФИ ИНСОН

Эъломияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон, ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид 10 декабри соли 1948 қабул гардида, ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ дар ҳифз ва пешбурди ҳуқуқи инсон дар саросари ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Эъломияи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати бунёдӣ хизмат намуда, дар асоси он шартномаҳо, конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалии самти ҳуқуқи инсон қабул гардидааст ва он стандартҳоеро муқаррар мекунад, ки давлатҳоро барои қабул ва риоя кардан ташвиқ мекунад. Эъломияи ҳуқуқи башар дар таҳкими фаҳмиши муштарак дар баробари принсипҳои бунёдии ҷомеаи одилона ва баробарҳуқуқ нақши муҳим дорад. Дар тули таърих Эъломияи ҳуқуқи башар ҳаракатҳои иҷтимоӣ ва кушишҳои тарғиботиро илҳом бахшидааст, ки ба муқовимат ва режимҳои золим ва инчунин пешбурди ҳуқуқи инсон нигаронида шудаанд. Қабули Эъломияи ҳуқуқи башар дар чунбишҳое ки баробарии нажодӣ ҳуқуқҳои гендерӣ ва ғайраҳоро ҷонибдорӣ мекунад, аён аст. Эъломияи ҳуқуқи башар барои онҳое, ки адолатро ҷустуҷӯ мекунанд, нуқтаи гирдиҳамоӣ фароҳам оварда, як баёнияи универсалӣ ва ҷолиберо пешниҳод мекунад, ки аз контекстҳои гуногун фаротар аст. Азбаски кишварҳо вобастагии мутақобилаи ҳуқуқҳои инсонро ҳарчӣ бештар эътироф мекунанд, бинобар ин дар Эъломияи ҳуқуқи башар ҳамчун кутбнамои ахлоқӣ хидмат мекунад, ки ин кушишҳоро барои бартараф кардани беадолатии иҷтимоӣ ва нобаробарӣ дар миқёси ҷаҳонӣ роҳнамоӣ мекунад.

Эъломияи ҳуқуқи башар дар ҳалли мушкилоти муосир ва ҳуқуқи инсон аҳамияти худро ниғоҳ нигоҳ медорад. Ҳангоми ба миён омадани масъалаҳои нав, аз қабили махфияти рақамӣ, таназзули муҳити зист ва таъсири технологияҳои пайдошаванда, принсипҳои дар эъломия воридшуда, чорчубаи васеъ ва мутаҳобилавандаро таъмин мекунад. Таваҷҷуҳ ба универсалӣ ва тақсимнашаванда будани ҳуқуқи инсон дар Эъломия имкон медиҳад, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва шаъну шарафи инсон дар сафи пеши талошҳои ҷаҳонӣ боқӣ мемонад.

Ҳамин тариқ Эъломияи ҳуқуқи башар дар ҳифз ва пешбурди ҳуқуқи инсон дар миқёси ҷаҳонӣ нақши муҳим мебозад. Таъсири он фаротар аз як ҳуҷҷати таърихӣ буда, ҳамчун санги асос барои рушди ҳуқуқи инсон, баланд бардоштани огоҳии ҷаҳонӣ, илҳомбахши ҳаракатҳои адолат ва ҳалли мушкилоти замони муосир хизмат мекунад. Дар ҳоле ки ҷаҳон мубориза бо масъалаҳои нобаробарӣ, табъиз ва беадолатиро идома медиҳад, принсипҳои дар Эъломияи ҳуқуқи башар баёншуда барои эҷоди ҷаҳони бештар одилона ва баробарҳуқуқ дастури доимӣ медиҳад. Эъломия ҳамчун шаҳодати садоқати инсоният ба шаъну шараф ва арзиши аслии ҳар як фард буда, масъулияти дастаҷамъонаро барои ҳимояи ҳуқуқҳои дар матни он ифодаёфта, таъкид мекунад.



**Акобирзода Сафина**
**донишҷӯи соли 1**